# Тақризи

**роҳбари илмии рисолаи номзадии Изатулоев Сафарали дар мавзӯи « Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси: 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ**

Изатулоев С. дар соли 1982 Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (дар айни замон Донишгоҳи агарии Тоҷикистон (ДАТ)–ба номи Ш. Шотемурро бо ихтисоси “Олим зоотехник”- бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 2018-2021 унвонҷӯйи Шуъбаи селексия ва технологияи чорвои сергӯшт, қутоспарварӣ ва аспparварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ буд. Аз соли 2017 дар то инҷониб дар Институти чорводорӣ ва ва чарогоҳи АИКТ Шуъбаи номбурда дар вазифаи ходими калони илми кор ва фаъолият дорад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Тоҷикистон мамлакати куҳсор буда чарогоҳҳои беҳамто дорад, ки парвариши тамоми намуди чорворо имконият медиҳад, аз ҷумла чорвои зотҳои сергушти ҷаҳониро низ. Аз ин лиҳоз олимон ба хулосае омаданд, ки чорвои зотҳои сарсафеди қазоқӣ, қалмиқи ва дертар зоти абердини ангуссро барои таҷриба ба минтақаи куҳистони Тоҷикистон ворид намуда ба парвариш ва омӯхтани хусусиятҳои мутобиқшавии онҳо ба иқлиму табиати баландкӯҳи минтақаи Ховалингу Балҷувон шуруъ намоянд.

Парвариши зоти сарсафеди қазоқӣ дар Тоҷикистон аз соли 1958 оғоз шудааст. Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ин зот аз ибтидои воридот ва парвариши он ба шароити куҳистони Тоҷикистон хуб мутобиқ шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои мақсаднок ва мунтазами илмӣ системаҳои самарабахши парвариши чорвои гӯштӣ таҳия карда шуданд, ин имкон медиҳад, ки имкониятҳои генетикии чорвои зоти гӯштӣ дар минтақаҳои нави экологию ҷуғрофӣ амалӣ гарданд.

Солҳои пешин корҳои селексионӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ бо роҳи интихоб ва хостагирии дохилизотӣ аз рӯи аломатҳои асосии хоҷагидорию биологие, ки самаранокии парвариши чорворо муайян мекунад, ба роҳ монда шуда буд.

Дар баробари ин барои баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштии чорвои зебуи маҳаллӣ буқаҳои наслдеҳи зоти сарсафеди қазоқиро истифода бурданд, ки дар натиҷа дар минтақаи куҳсори Тоҷикистон подаи хоси чорвои калони сергӯшти типи тоҷикӣ ба вуҷуд оварда шуд, ки аз зоти аслӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои биологӣ ва хоҷагӣ фарқ мекарданд. Ин пода хамчун комёбии нави зотпарварӣ аз тарафи комиссияи Вазорати хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ санҷида шуда, дар мушовараи Вазорати хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ бо номи чорвои калони сергӯшти типи тоҷики тасдиқ карда шудааст .

Вобаста ба ин, чунин мешуморем, ки гузаронидани таҳқиқотҳои ҳамаҷониба оид ба омӯзиши муқоисавии хусусиятҳои хоҷагидорию биологии типи чорвои калони сергӯштӣ тоҷикии, ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебу маҳаллӣ бо мақсади парвариш барои гӯшт дар шароити табии-экологии кӯҳсор муҳим буда, инчунин дорои аҳамияти муайяни илмию хоҷагидорӣ мебошад.

**Дарачаи омухта шудани масъалаҳои илмӣ.** Ба омузиши хусусиятҳои мутобиқшавӣ ва акклиматизациони, инчунин маҳсулнокии гӯштии зотҳои махсуси гӯштии чорвои калони шохдор як қатор таҳқиқотҳои илмӣ бахшида шудаанд.

Дар баробари ин дар соҳа захираҳои муайяни истифоданашуда мавҷуданд. Яке аз ин захираҳо амали кардани ҷуфтикунонии мақсадноки чорвои маҳалӣ буққаҳои наслдеҳи зоти сарсафеди қазоқӣ барои ба вуҷуд овардани шаклҳои нави генетикии чорвои сергӯшт мебошад.

Дар ин бобат кори диссертатсионии С. Изатулоев, ки ба омузиши **“Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ”** равона карда шудааст, самараи калони иктисоди медиҳад. Дар шароити минтақаи доманакуҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар буққачаҳои типи чорвои сергӯштӣ тоҷикӣ ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебу хусусиятҳои афзоиш ва рушд, тағйирёбии синну сол вобаста ба параметрҳои морфофизиологии организми чорворо муайян намуда, нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии гӯшт, хосиятҳои технологии пӯст, муй ва дар ҳамин асос системаи самарабахши истифода бурдани дурагакуниии тозазотӣ ва саноатиро барои тамоми сол нигоҳ доштани чорворо дар чарогоҳ кор карда баромадем.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолоти хоҷагҳои минтақаҳои Темурмалик, Балҷувон, Ховалинг ва дигар ноҳияҳои инчунин дар хоҷагиҳои фермерию хусусии куҳистони Тоҷикистони Ҷанубӣ дар истеҳсолот ҷорӣ карда шудаанд.

Ҳангои гузарондани тадқиқоти таҷрибавӣ доир дар мавзӯи рисола Изатуллоев С. маҳорати ба дараҷаи баланди методӣ гузаронидани корҳои тадқиқоти илмӣ нишон дода, қисми таҷрибавиро ба анҷом расонд.

Дар шароити Тоҷикистон бори аввал дар бораи сифатҳои маҳсулнокии буққачаҳои чорвои калони сергӯшти типи тоҷикӣ ва дурагаҳои онҳо дар парвариши чарогоҳӣ омухташуда маълумотҳои нав ба даст омадааст. Хусусиятҳои биологӣ ва иқтисодии нашъунамо ва инкишофи букачаҳоҳо омухта ва муқаррар карда шуданд.

Муқарраროти асосии кори диссертатсия дар матбуоти даврӣ пурра ва саривақт ба табъ расида, дар конференсияву семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ(солҳои 2017-2024) маъруза ва баҳои баланд гирифтанд.

Доир ба мавзӯи рисолаи номзадии худ Изатуллоев Сафаралӣ таълифоти илмӣ чопшуда, аз ҷумла 3-тоаш дар нашрияҳои пешбари

тақризшаванда аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда, аз ҷумла 1 монография ва 1 тавсиянома дорад.

Изатуллоев С. шахси эҷодкор буда, унвонҷӯйи шуъбаи чорвои сергушт, қутоспарварӣ, ва асппарварӣ корҳои диссертатсиониашро ба анҷом расонидааст. Чун унвонҷӯ шахси меҳнатдӯст, суботкор, бо азму ирода, хушмуомила, ташкилотчӣ мебошад. Вай ҳамчун олими дорои иқтидори муайяни эҷодӣ дар соҳаи илми интихобкардааш ташаккул ёфт.

Гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳад, ки Изатуллоев С. корҳои зиёдеро анҷом додааст, ки ба талаботи замон ҷавобгӯи рисолаҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Ман ҳамчун роҳбари илмӣ чунин мешуморам, ки Изатуллоев Сафаралӣ бешубҳа сазовори унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
кишоварзи, Ходими пешбарандаи
илмии Институти чорводорӣ ва
чарогоҳи Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон Иргашев Толибҷон Абидҷанович

Имзои доктори илмҳои кишоварзӣ
Т.А. Иргашев "Тасдиқ мекунам",
Нозири кадрҳои Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ Асоева С.

734067, Тоҷикистон, ш.Душанбе
Гипразем 17, тел: 231 06 67, 918 42 20 34,
E-mail: irgashevt mail.ru